**ХУЛОСАИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА–035-и**

**назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология).**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 13-уми июни соли 2024, № 11**

дар бораи сазовор донистани Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология).

Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзуи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) санаи 4-уми апрели соли 2024 (суратмаҷлиси № 4) дар шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №114/шд аз 19.05.2023 с.) ба ҳимоя қабул шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна соли 1993 дар ноҳияи Рушон таваллуд шудааст. Соли 2015 зинаи таҳсилоти бакалавриати факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо дипломи аъло ва соли 2017 зинаи таҳсилоти магистратураи Донишгоҳи мазкурро аз рӯи

ихтисоси таърих бо дипломи аъло хатм намудааст. Дар замони таҳияи диссертатсия Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна ба ҳайси унвонҷӯй (солҳои 2018 - 2021) ва ассистенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият мекард.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Сайнаков Сайнак Парпишоевич - н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ: Қабилова Баҳринисо Туйчиевна** – доктори илмҳои таърих, сарходими илмии шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ;

**Сафаров Холмад Хоркашович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - МДТ "Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон" дар тақризи мусбати таҳиякардаи эксперт - номзади илмҳои таърих, дотсент Пирумшоев Мунир Ҳайдаршоевич зикр менамояд, ки диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватанӣ 24 апрели соли 2024, протоколи № 9, баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд. Муассисаи пешбар дар хулосаи худ иброз менамояд, ки диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад. Муассисаи пешбар хулоса баровардааст, ки дар рафти навиштани диссертатсия унвонҷӯй пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ ва мушоҳидаи ҳаррӯзаи ҳаёти рушониён мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ

ичро кардааст. Диссертатсия аз маълумоти илмӣ оид ба этнографияи точикони кӯҳистон хеле бой буда, натичаҳои илмии он аҳамияти калон доранд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ муаллиф, аз чумла 8 мақолае, ки дар мачаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Чумҳурии Точикистон ба табъ расиданд, тачассум ёфтааст. Дар интишороти диссертант нуктаҳои асосӣ, натича ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти мақолаҳо дар мачаллаҳои (нашрияҳои) илмии КОА назди Президенти Чумҳурии Точикистон:**

1. Шоназар Ч. М., Дарвозиева, Ҳ. Ш. Баъзе анъанаҳои наврӯзӣ дар Бадахшон [Матн] / Шоназар Ч. М., Дарвозиева Ҳ.// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2019. № 1 (78). - С. 211 – 213. ISSN 2219-5408.

2. Дарвозиева, Ҳ. Ш. Ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор И. И. Зарубин [Матн] / Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2019. № 4 (81). - С. 257 – 259. ISSN 2219-5408.

3. Дарвозиева Ҳ. Ш., Ақризоев, М. Инъикоси ёдгориҳои таърихии Бадахшон дар осори А. А. Бобринской [Текст] / Ҳ. Ш. Дарвозиева, М. Ақризоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2020. №. 3 (86). - С. 225 – 258. ISSN 2219 – 5408.

4. Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Х. Ш., Шоназар, Дж. М. Заметки С. П. Ванновского по этнографии рушанцев [Матн] / С. Сайнаков, Х. Ш. Дарвозиева, Дж. М. Шоназар // Вестник педагогического университета. 2021. № 2 (91). - С. 226 – 230. ISSN 2219-5408.

5. Дарвозиева, Ҳ. Ш. Дарачаи инъикоси ҳаёти анъанавии аҳолии Помир дар асарҳои муҳаққиқони рус дар асри XIX [Матн] / Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 1 (96). - С. 240 – 243. ISSN 2219-5408.

6. Дарвозиева, Ҳ. Ш. Хусусиятҳои хоси маросими никоҳи рушониён ва нақши вақтмуайянкунӣ дар баргузории он [Матн] / Ҳ.

Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 2 (97). - С. 299 – 302. ISSN 2219-5408.

7. Аҳризоев М., Дарвозиева, Ҳ. Ш. Баъзе ишораҳо оид ба тақвимҳо ва идҳои анъанавии мардуми Рушону Шуғнон [Матн] / М. Аҳризоев, Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 2 (97). - С. 261 – 264. ISSN 2219-5408.

8. Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Ҳ. Ш. "Тоҷикони водии Хуф"- и Михаил Степанович Андреев ҳамчун маъхаз оид ба ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои мардуми Рушон [Матн] / С. П. Сайнаков, Ҳ. Ш. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 6 – 2 (101).- С. 273 – 277. ISSN 2219-5408.

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

9. Дарвозиева, Ҳ. Ш. М. С. Андреев ва мардумшиносии тоҷик [Матн] / Дарвозиева Ҳ. Ш. // Масоили муҳими таърихнигории муосир. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: ДМТ, 22 ноябри соли 2017.- С. 293 – 297.

10. Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Х. Ш., Материалы В. Банковского о Рушане и рушанцах [Матн] / Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Ҳ. // Материалы международной научно - практической конференции «XII Ломоносовские чтения», посвящённой Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (Часть II. Общественные и гуманитарные науки). - Душанбе: 29 – 30 апреля, 2022. - С. 101 – 104.

11. Сайнаков, С. П. Дарвозиева Х. Ш. Памирский вопрос и этнополитическая ситуация в Рушане, Вахане и Шугнане в конце XIX веке [Матн] / Сайнаков С. П. Дарвозиева Х. Ш. // Артиши миллӣ – сипари боэътимоди ватан. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 феврали соли 2023. - Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. - С. 49 – 52.

12. Дарвозиева Ҳ. Ш. Инъикоси ҷашни Меҳргон дар асарҳои Абурайҳон Берунӣ ва дигар маъхазҳо [Матн] / Дарвозиева Ҳ. Ш. // Абурайҳон Берунӣ – алломаи Машриқзамин. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050 солагии Абурайҳон Берунӣ, Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023. - Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. - С. 277 – 279.

13. Дарвозиева Ҳ. Фанни этнография ва усулҳои асосии таҳқиқи илмии он [Матн] / Дарвозиева Ҳ. Ш. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - методӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. - С. 288 – 289.

14. Гадоев Ғ., Ёров М., Дарвозиева Ҳ. Тавсифи тақвимҳои мардумӣ (нишонҳисоб) дар кишваршиносӣ [Матн] / Гадоев Ғ., Ёров М., Дарвозиева Ҳ. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - методӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023.- С. 96 – 98.

**Ба диссертатсия ва автореферат чор тақризи мусбӣ ворид шудааст,** ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология хулосаҳо вуҷуд доранд.

**1. Тақризи Аслонов Ҳошимҷон Зиёмиддинович -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

**2. Тақризи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович** - доктори PhD аз рӯйи ихтисоси таърихи ватанӣ, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими они Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**3. Тақризи Мирзошарифзода Иброҳим Мирзошариф** - номзади илмҳои таърих, дотсент, омӯзгори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**4. Тақризи Содиқова Сайёра Абдурақибовна** - номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи дизайни либос ва санъати мӯди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Дар умум, дар тақризҳо таъкид мешавад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи таъйинкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Ҳамчунин, ҷанбаҳои мусбат, навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот низ зикр шудаанд.Муқарризон дар асоси баррасии автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) ба аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварии кор ва дастовардҳои илмии унвонҷӯ таъкид намуда, муаллифи диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) сазовор донистаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) ва доир ба масъалаҳои гуногуни таърихӣ ва мардумшиносӣ, хусусан, оид ба ҷашну маросимҳо, ҳаёту фарҳанги анъанавии тоҷикон дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамоянд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант:**

- ***коркард карда* шуд:** самтҳои таҳқиқнашудаи ҷашну маросимҳо ва тақвимҳои мардумии халқи тоҷикро комил менамояд. Тибқи ин идеяи

илмӣ мақом ва манзалати тақвимҳои мардумӣ ва ҷашну маросимҳои анъанавии мардумӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи тоҷикон муайян карда шудааст;

- ***пешниҳод шудааст:*** таҳлил ва омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон, назар ба гузаштаи масъала ва муқоисаи он бо ҳолати имрӯза, муайян намудани сатҳи трансформатсия (дигаргуншавӣ) дар қайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардумии рушониён аз охири асри XIX то замони муосир. Маълумоти зикргардида дар навиштани асарҳои илмӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи фарҳанги тоҷикон ва мардумшиносӣ, инчунин дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ роҷеъ ба этнография ва ҳангоми тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи фарҳангу анъанаи миллӣ истифода кард;

- ***исбот шудааст:*** фарҳанги этникӣ ва хусусиятҳои хоси этномаданӣ дар умум ҳастии миллат ба шумор меравaнд, аммо аксарияти маросимҳо ва бархе аз ҷашнҳои кӯчаки этникиро худи рушониён низ аз ёд бароварда, имрӯз онҳоро таҷлил ва иҷро намекунанд. Аз ин рӯ, маводи диссертатсия барои барқарор ва эҳё намудани ҷашну маросимҳои миллӣ кӯмак хоҳад кард;

- ***асоснок карда шудааст:*** зарурати идомаи минбаъдаии таҳқиқот ва густурдатар кардани фарогирии мавзуъ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст,*** ки дар илми таърихи ватанӣ то кунун роҷеъ ба хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони рушонӣ, хусусан оид ба ҷашну маросимҳои онҳо таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Инчунин, дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ ва таҷрибавӣ хулоса ва тавсияҳо пешниҳод гардида, бори нахуст масъалаҳои ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, мақоми онҳо дар ҳаёти тоҷикони Рушон муайян гардидаст;

- ***усулҳои муосири*** таҳқиқ истифода гардиданд, ки байни онҳо усулҳои этнографӣ, махсусан, усули статсионарӣ, мушоҳидавӣ,

пурсуҷӯйӣ, усули таҳқиқи саҳроӣ, муқоисавӣ-функсионалӣ васеъ истифода гардиданд. Ҳамчунин усулҳои умумитаърихӣ: проблемавӣ-хронологӣ, таърихӣ-генетикӣ, таърихӣ-муқоисавиро низ истифода намуда, принсипи таърихият ва принсипи этнографии *"de visu"* риоя гардидааст. Усули проблемавӣ-хронологӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои таҳқиқшуда, тибқи тартиби хронологӣ пай дар пай баррасӣ шаванд, усули таърихӣ-генетикӣ бошад, сабабҳои асосии таърихан зуҳур ва рушди ҷашну маросимҳоро муайян менамояд, усули таърихӣ-муқоисавӣ бошад, имконият медиҳад, ки масъалаи маросимҳои рушониёнро бо дигар тоҷикон муқоиса намуд;

- ***баён шудани*** яке аз сабабҳои асосии пурратар боқӣ мондани анъанаҳо, маросим ва ҷашнҳои тоҷикон дар Кӯҳистони Бадахшон, ин дар бумбасти табии қарор доштани минтақа будааст. Таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки дар ҷашнҳои миллии тоҷикон дар Рушон бо расму таомулҳои сершумор баргузор гашта, аз замонҳои қадим то ба замони мо расиданд.;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки фарҳанги этникӣ ва хусусиятҳои хоси этномаданӣ дар умум ҳастии миллат ба шумор меравand. Натиҷаи таҳқиқот маълум намуд, ки аксарияти маросимҳо ва бархе аз ҷашнҳои кӯчаки этникиро худи рушониён низ аз ёд бароварда, имрӯз онҳоро таҷлил ва иҷро намекунанд. Ҷиҳати дифоъ ва ҳифзи ҷашну оин ва маросимҳои мардумӣ, инчунин ба роҳ мондани ташвиқоту тарғибот миёни аҳолӣ мақомоти дахлдори соҳаи фарҳанг чораҷӯӣ намуда, ҳамасола дар ин самт чорабиниҳои оммавӣ, конференсияҳои илмӣ ва фестивал-намоишҳо доир намоянд;

- ***омӯхта шуданд*** ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон, назар ба гузаштаи масъала ва муқоисаи он бо ҳолати имрӯза, муайян намудани сатҳи дигаргуншавӣ дар қайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардумии рушониён аз охири асри XIX то замони муосир мебошад;

- *муайян ва мушаххас шуданд,* ки бори нахуст дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониён таҳқиқ гардида, назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар бо ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони Рушон маҳсуб мешаванд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд:**

- *коркард ва ҷорӣ када шуд:* Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «XII Хониши Ломоносовӣ», ба муносибати 30-юмин солгарди барқароршавии муносиботи дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (Душанбе: ФДДМ, 29 – 30 апрели соли 2022), конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 феврали соли 2023 (Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023), конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи “Абурайҳон Берунӣ – алломаи Машриқзамин” (Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023) ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маъруза баён гардидаанд;

- *муайян карда шуд:* ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар раванди эҳё намудани фарҳанги этникии тоҷикон ва барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърих ва этнографияи тоҷикон хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқро инчунин, дар раванди таълими фанҳои мардумшиносии тоҷик, таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, фарҳангшиносӣ ва навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур, метавон мавриди истифода қарор дод;

- *таҳия карда шуд:* ҳангоми таҳияи нақша – барномаҳои таълимӣ, соатҳои дарсии фарогири масъалаҳои мардумшиносӣ, хусусан

мавзуи ҷашну маросимҳои миллӣ бояд ба назар гирифта шавад, то ки он дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ ба амалӣ гардида, тақвиятбахшандаи таёрии касбии омӯзгорони оянда бошад;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавии тоҷикони Рушон бахшида шуда, диссертатсияи дар таърихнигории тоҷик нахустин таҳқиқот доир ба масъалаи ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон ба шумор рафта, мавзӯъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи мардумшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти мустақилонаи анҷомдодаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** бар асоси дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру андешаҳои мо оид ба ҷанбаҳои муҳимми ҷашну маросимҳои тоҷикони кӯҳистон барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқотҳои оянда дар самти омӯзиши таърих ва этнографияи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард. Хулоса ва тавсияҳои дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд;

- ***гояи*** таҳқиқот дар асоси ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, ки ба соҳаи ҷашну маросимҳои миллӣ вобаста буда, маҷмуаи мақолаҳою суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводҳои таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониён таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия

назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар бо ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони Рушон маҳсуб мешаванд;

- *усулҳои муосири* ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии маълумот дар асоси принсипу усулҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърих – таърихият, системанокӣ, масъалагузорӣ, объективият ва беғаразӣ дар асоси арқому омор мавқеи асосиро ишғол менамоянд, истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довбаталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона тахия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омадааст, ки диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона баанҷомрасида буда, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар маҷлиси худ аз 13 июни соли 2024 (аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар ҳузур доштанд) қарор қабул намуд, ки ба диссертант Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) дода шавад.

Ҳангоми баргузории овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология).

Натиҷа овоздиҳӣ: аз 13 нафар аъзои шуро – 13 нафар «ҷонибдор», «муқобил» – нест, «бюллетенҳои беэътибор» – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**

**13 июни соли 2024**